# ХУЛОСАИ

Шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ доир ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.36. - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01. - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ)

## Парвандаи аттестатсионии №23

## Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.05.2024

Барои сазовор донистани Сафари Нусратулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ)

Рисолаи номзади дар мавзӯъи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)» аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минералогӣ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба ҳимоя қабул карда шуд (суратҷаласаи №21 аз 05.03.2024).

Шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ бо фармони раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019, №94 таъсис дода шудааст. Нишонии шуро: 734025, ш. Душанбе, Тоҷикистон Буни Хисорак, «шаҳраки Донишҷӯён», бинои таълимии №17.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сафари Нусратулло 20 январи соли 1979 таваллуд шудааст.

Довталаб соли 2012 факултаи геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок” хатм намудааст.

Рисолаи номзадӣ дар лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Валиев Шариф Файзуллоевич** – доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, сарходими илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ.

**Муқарризони расмӣ: Абдураҳимов Садриддин Яминович** - доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров" ба диссертатсия тақризи мусбӣ додааст.

**Ятимзода Содиқ Бақо** - номзади илмҳои геология ва минералогия, мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбӣ додааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе.

Дар хулосаи расмии додашудаи Муассиса, ки аз ҷониби номзади илмҳои техники Шоназаров Беҳрӯз Баҳромович таҳия шудааст, қайд карда мешавад, ки диссертатсия ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ" ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафари Нусратулло баҳри сазовор гардидани дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01.- Соҳаи илҳои геологӣ-минерологӣ) арзанда аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 7 адад интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯъи диссертатсия 5 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. **Сафари Н.** Влияние горнопромышленных предприятий рудного поля Чоре на окружающую среду // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2023 с. Том 66, №5-6 С. 355–360.

[2-М]. **Сафари Н.** Рудоносность в Чоринском рудном поле. // Илм ва инноватсия. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. 2023 с. №3 С. 5–9.

[3-М]. **Сафари Н.** Масоили геоэкологии ҷамъоварӣ ва гӯркунии партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре. // Илм ва инноватсия. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. 2023 с, №3 С. 22–27.

[4-М]. **Сафари Н.** Воздействия захороненных токсичных отходов рудного

поля Чоре на геоэкологическую среду. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2023 с № 3. (192) 117–123.

[5-М]. **Сафари Н.** Усули муосири анборкунии маъдан дар шароитҳои мураккаби муҳандисӣ-геологӣ (дар масоили кони ангишти Фон-Яғноб) // Илм ва инноватсия. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. 2023 с №4 С. 13–18.

[6-М]. **Сафари Н.** Кальциты поздних генераций и мраморные ониксы Чоринского золоторудного месторождения (Центральный Таджикистан). // Юбилейный съезд Российского минералогического общества «200 лет РМО» (Санкт-Петербург) 10-13 октября 2017г, №1 С. 271–275.

[7-М]. **Сафари Н.** Тағйирёбии шароити гидрогеологии майдони маъдании Чоре дар шароити дигаргуншавии иқлим. // Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ «Ҳамкориҳои Байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ», бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040), «Солҳои Рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» (соли 2025), (Душанбе, 2023).

Ба диссертатсия ва автореферат 6 тақриз ворид шудааст, ки дар онҳо ба корҳои илмии унвонҷӯ хулосаҳои мусбӣ дода шуда, дар хулоса ба унвонҷӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01. - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) сазовор донистаанд:

1. Аз дотсенти Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дар ш. Бустон, доктори илмҳои техникӣ Г. М. Самадова ба автореферат тақризи мусбӣ ворид шудааст.

2. Аз Мудири сектори илмӣ-тадқиқотии Агентии амнияти кимиёӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, номзади илмҳои техникӣ Ҳомидов Фарҳод эродҳои зерин ба қайд гирифта шудааст:

1. Дар фишурдаи диссертатсия масоҳати умумии майдонҳои зери тадқиқот қарордошта оварда нашудааст, аз ҷумла майдони маъдании Чоре.

2. Дар фишурдаи диссертатсия маълумоти дақиқ вобаста ба ифлосшавии химиявӣ ва радиатсионии хок ва маъданҳои аз конҳо берун овардашуда дар минтақаи тадқиқотшаванда оварда нашудааст.

3. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Новобаста аз эродҳо тақризи мусбӣ ворид шудааст.

3. Ҷовид Аминов доктори (PhD) м.к. кафедраи илмҳо оид ба замин ва муҳити зисти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ чунин эрод гирифтааст.

1. Дар шакли тоҷикии автореферат камбудиҳои забонӣ мушоҳида мешавад.

2. Пешниҳод оид ба нуқтаи дуюми ҳимояшаванда бо таври "Тадқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки хавфу хатари геоэкологӣ дар минтақаи сохторҳои тектоникии навин, ки майдони маъданӣ шомилаш аст, хусусияти ирсӣ дорад". Новобаста аз эродҳо тақризи мусбӣ ворид шудааст.

4. Аз сардори шӯъбаи геологияи Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои геология ва минералогия Фозилзода Мухтор, ба автореферат тақризи мусбӣ ворид шудааст.

5. Аз роҳбари лабораторияи Институти сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон, доктори фалсафа аз руйи илмҳои геологӣ-минералогӣ Юсупов В. ба автореферат тақризи мусбӣ ворид шудааст

6. Аз дотсенти кафедраи минералогия ва литологияи Институти геология ва технологияи нафту гази Казон. номзади илмҳои геология ва минералогия Николаев Анатолий Германович ба автореферат тақризи мусбӣ ворид шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо мувоффиқ будани рамзи ихтисосҳо асоснок карда шудаанд. Муқарризони расмӣ ва коршиносони муассисаи пешбар мақолаҳои марбут ба ин мавзӯъро доранд.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-057 қайд мекунад, ки дар асоси тадқиқотӣ анҷомдодаи довталаб:

- **коркард карда шуд**, ки ба роҳ мондани баҳодиҳии ҳамаҷонибаи миқдори таъсири манфии партовгоҳи Чоре ва ҳудуди ҳамҷавор ба ҷузъҳои муҳити табиӣ ва таҳияи чораҳои пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳбуди вазъи номусоиди экологӣ дар корхонаҳои коркард ва истихроҷи канданиҳои фоиданок мавриди муҳокима карор гирад.

- **пешниҳод шудааст**, ки ба роҳ мондани технологияи оқилонаи барқарорсозии партовҳои заҳролуд бо ҷорӣ намудани пардаи муҳофизатии гил, ҷудо кардани обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ,

гузоштани қабатҳои дренажӣ, бентомат ва геомембранаҳо, пур кардани хоки минералӣ ва ҳосилхез, ҷорӣ карда шавад.

**-исбот шудааст**, ки пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба кам кардани таъсири манфӣ ва мониторинги геоэкологии минтақаи таъсири партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор барои истифода дар тарҳрезии тадбирҳои экологӣ дар Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи гражданин назди ҲҶТ мавриди муҳокима қарор гирад.

**-ҷорӣ намудани** таҳия ва усули барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногении майдони маъданӣ ва ҳудудҳои ҳамҷавори он ташкил карда шавад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст;**

**-таҳлил намудани** тавсияи мусбӣ ҷиҳати азнавсозии партовгоҳҳо барои бартарафсозии партовҳои саноати кӯҳӣ ва полоиши обҳои сатҳӣ аз минтақаи майдони маъданӣ ва ҳудудҳои ҳамҷавори он мансуб меёбад;

**-исбот намудани** ҳудудҳои экологӣ барои ҷойгиркунии ниҳойи партовҳои истихроҷи маъдан барои минтақаи тадқиқотӣ партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор манбаи хатарноки ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он;

**- баён шудани** ҳолати ноустувории ҳудудҳои майдони маъданӣ ва таҳияи чораҳои геоэкологӣ, ки имконияти коҳиш додани таъсири манфии партовҳои заҳролудро ба ҷузъҳои муҳити геоэкологӣ фароҳам меоранд дар Тоҷикистони Марказӣ хос аст;

**- ошкор гардидани** сабабҳои пайдоишии хавҳои техногенӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти саноати кӯҳӣ дар майдони маъдании Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор ҷинсҳои аз маъдан холӣ ва инчунин партовҳои саноати кӯҳӣ ба хоктудаҳо ё ин, ки ба партовгоҳҳо интиқол дода мешаванд, ки дар тамоми ҷузъҳои муҳити геоэкологӣ тағйироти бебозгашт ба амал меоранд омӯхташуда, ошкор карда шуд;

**- омӯхта шуданд**, ки хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Зарафшон дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ ба шумор меравад;

**-аз нав такмил додани** объектҳо муайян ва таҳқиқ карда шудааст, ки намунабардории хок, обҳои рӯизаминӣ ва таҳлили минбаъдаи сифатии онҳо дар лабораторияҳо, гузаронидани тадқиқотҳои биоиндикативӣ дар минтақаи таъсири партовгоҳ, таҳлили таъсири партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор ба муҳити табиӣ, арзёбии роҳҳои асосии муҳоҷирати партовҳои саноати кӯҳӣ аз ҳудуди анбӯҳӣ техногенӣ зарур аст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки хатарҳои геодинамикии муосир, ки пайдоиш ва инкишофи он ба ҷараёнҳои экзогенӣ алоқаманди дорад.

- **муайян карда шуданд,** ки баҳодиҳии ҳолати муосири муҳити табиӣ ва геоиндикаторҳои тағйирёбии он дар зери таъсири урбанизатсия ва фаъолияти хоҷагии инсон: олудашавии химиявию радиактивии хокҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, обҳои рунзаминӣ ва зеризаминӣ ва камшавии захираҳои онҳо рух медиҳад;

- **офарида шуд;** беҳбуд бахшидан ба сифати қабати хокҳои минтақаи майдони маъданӣ аз ҷиҳати агротехникӣ бо истифода аз корҳои барқарорсозӣ;

- **муаррифӣ карда шуд;** таҳлили робитаҳои мутақобилаи дигаргунии ҷидии ҷанбаҳои геоэкологии истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои табиӣ ва барқарорсозии (рекултиватсияи) ҳудудҳои дар раванди истихроҷ ва азхудкунии маъданҳои сахт вайроншуда;

- **барои корҳои таҷрибавӣ** маълумотҳои ҳақиқии маводи саҳроӣ ва адабиёти, бойгонии КҲФ ва мудофиаи граждании назди ҳукумати ҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҳукумати ҶТ;

- **назария,** навиштани тадқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба мавзӯъҳои тасдиқшудаи лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ГР№0116TJ 00577) гузаронида шудаанд, ки натиҷаҳои он дар ҳисоботҳои “Тадқиқоти минералҳои топоморфизм ва топохимизм дар як зумра конҳои канданин фоиданок (тилло, полиметаллҳо) бахри коркарди меъёрҳои ҷустуҷӯй–баҳодиҳӣ” мавриди истифода қарор гардидаанд.

- **ғоя асоснок шудааст;** дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳангоми иҷроиши корҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба фанҳои “Экологияи муҳити зист”, “Геоэкология”, “Мониторинги экологӣ” ва “Коркарди конҳои маъданӣ”;

- **истифода шудаанд;** дар раванди таълим доир ба омӯзиши хавфҳои геологӣ (техногенӣ, экологӣ ва табиӣ;

- **муайян шудаанд;** хусусиятҳои геоэкологии конҳои маъдании тилло, ангишт ва ғайримаъдании майдони маъдании Чоре дар шароити бо суръати тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба муҳити зист аз ҷумла иншооти ҳаётан муҳими хоҷагии халқ;

Шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Сафари Нусратулло бо дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минерологӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пушида қарори мусбат қабул кард.

Дар овоздиҳии пушида дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони самти ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии пушида: тарафдор 13, зид нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор 1.

И.в. Раиси шурои диссертатсионии
6D.KOA-057, д.и.ф.м., профессор Каримов Ф. Ҳ

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
н.и.т., дотсент Ғайратов М.Т

Имзои Каримов Ф.Ҳ. Ғайратов М.Т.
Тасдиқ мекунам: Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj
Тел.: (+992 37) 221 62 25; (+992 37) 227 15 10